**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад.**

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна таҳти унвони «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» бармеояд, ки таҳқиқ ба омӯзиши луғоти марбут ба рустаниҳо бахшида шудааст.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ ба луғатшиносӣ ва дастурнигорӣ дар соҳаи шевашиносӣ, ки ҳанӯз ҳам камтаҳқиқтарин соҳаи забоншиносии тоҷик маҳсуб мешавад, маводи наву тоза медиҳад. Нуктаи дигари бебаҳс ин аст, ки шеваҳо бар мабнои муттаҳидшавии лаҳҷаю гӯйишҳои алоҳида сар зада, таҳкурсӣ ва сарчашмаи боэътимод барои рушду таҳаввули забони адабии тоҷик ба шумор меравaнд. Метавон гуфт, ки дар шаклгирии забони меъёр шеваю лаҳҷаҳо нақши муассир бозида, дилхоҳ забони адабӣ бар пояи лаҳҷаи муттако ва ё гурӯҳи лаҳҷаҳои як шева устувор мегардад. Аз сӯйи дигар, дар шеваҳо вижагиҳои анъанавии забони миллӣ беҳтар ҳифз шуда, ҳодисаҳои собиқаи забонӣ, урфу одоти мардумӣ ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии халқ дар дараҷаи олӣ таҷассум ёфтааст. Сарфи назар аз ин ҷиҳатҳои мусбат, то кунун таҳқиқу таҳлили луғоти забонҳои маҳаллӣ аз назари забоншиносии қавмӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии сохториву муқоисавӣ бомаром ва муназзам ба роҳ монда нашудаанд.

Гӯйиши мардуми минтақаи Айниро, ки бар мабнои он таҳқиқот анҷом пазируфтааст, муҳаққиқон ба шеваи марказӣ мансуб донистаанд. Лаҳҷаҳои мазкур дар минтақаи қолиби этнолингвистӣ густариш ёфта, қабатҳои лексикаи он ба аносири луғавии забонҳои ғайр камтар махлут шудаанд. Аз ин нигоҳ онҳо асолати таърихии худро беҳтару бештар ҳифз кардаанд.

Бояд гуфт, ки луғоти фитонимӣ дар баробари доштани аҳаммияти хоси биологӣ ва тиббӣ дунёи рангини маънавӣ, урфу одот, шавқу завқ, ҷаҳони зебоишиносӣ ва таъриху таҷрибаи чандинаср ва чанднасли соҳибони забон ва лаҳҷаро инъикос менамоянд. Аз ин қабати лексика шоирон ва нависандагон дар офариниши образҳои бадеӣ ба таври фаровон коргир мешаванд. Бо назардошти ин ва бо таваҷҷуҳпазирӣ ба луғоти фитонимӣ дар заминаи гӯйиши мардуми ноҳияи Айнӣ, таҳқиқоти анҷомдодаи Гулова Маъмура Нуровнаро дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ» дар шевашиносӣ метавон муҳим арзёбӣ кард.

Мувофиқи фишурдаи диссертатсия он аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, натиҷаву мушоҳидаҳои диссертант дар

қисмати хулоса ҷамъбаст гардидаанд. Осори илмӣ ва луғатномаҳо дар қисмати ниҳоӣ – феҳрасти адабиёт бо дарназардошти қойидаҳои библиографӣ ҷой дода шуданд.

Диссертант бо риояи суннати рисоланигорӣ дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ва дигар ҷузъияти ба нигориши муқаддима рабтдоштаро баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявии омӯзиши номи рустаниҳо»** унвон гирифта, аз панҷ фасл иборат мебошад. Муҳаққиқ фаслҳои ин бобро ба баррасии масоили вожагони умумихалқӣ, вожагони хоси лаҷҳа ва масъалаҳои назарии онҳо, гурӯҳҳои луғавӣ, маъноӣ ва мавзуии рустаниҳо, махсусияти хоси номгузории рустаниҳо бахшидааст.

Боби дуюми диссертатсия – **«Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи маъно»** номгузорӣ шуда, хусусиятҳои маъноии калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо ва мафоҳими ба онҳо алоқамандро дар ҳафт фасл дар бар мегирад.

Дар боби сеюми диссертатсия – **«Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи анвои наботот аз нигоҳи сохтор»** хусусиятҳои сохтории калимаҳои ифодакунандаи номи набототи лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар чор фасл ҷамъбаст гардидааст.

Дар қисмати хулосаи автореферати диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 11 банд боварбахш ва мудаллал ҷамъбаст кардааст, ки натиҷаҳо аз доштани тафаккури таҳлилӣ ва интиқодии муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 5 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Русия мунташир кардааст. Ҳамчунин муҳтаво ва масоили бахшҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ба сурати мақолаҳо дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Бо вуҷуди дастовардҳо ва комёбиҳои назаррас дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои ислоҳпазир ба мушоҳида мерасанд, ки рафъи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Чунончи:

1. Навишти тобишҳои овозӣ дар дастае аз вожагони шевагӣ аз рӯйи принсипи овонигорӣ на ҳамеша риоя гардидааст.
2. Аз автореферат бармеояд, ки он аз се боб иборат аст, аммо бо иллати техникӣ фаслҳои боби сеюм ҳамчун фаслҳои боби чорум

унвонгузорӣ шудаанд. Аз ин рӯ ибораи “боби чорум” ба ибораи “боби сеюм” иваз мехоҳад.

3. Баъзе ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд. Аз ҷумла баъзе вожагон дар қаринаҳои гуногуни савтӣ – “кажа” (саҳ.16) ва “кажжа” (саҳ. 21) оварда шудаанд.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикргардида, ки ислоҳпазир мебошанд, автореферати диссертатсия ба забони ноби тоҷикӣ нигориш ёфта, ба талаботи барасмиятдарории диссератсия мутобиқ аст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос мекунад. Автореферати диссертатсия шаҳодат медиҳад, ки матни диссертатсия ба шиносномаи ихтисос пурра мувофиқат менамояд.

Бинобар ин тавон гуфт, ки диссератсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи «Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии хотимаёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, мавсуф ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз: номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи забон ва адабиёти**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара** **Қодиров Д. С.**

**Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ-25,**
**E-mail: kodirov_8080@mail.ru**

**Имзои Қодиров Дилшод Сайдаллоевичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара** **Тоирзода С. Т.**

**Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ-25,**
**E-mail: dddangara_2013@mail.ru**
**Сомонаи расмӣ: www.dsu.tj**

**«11» декабри соли 2023**